Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №67 (2894) | СЕШАНБЕ, 29 МАЙИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Мусоҳиба бо гурӯҳи эҷодии маҷаллаи «The European Times»

**26 майи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо гурӯҳи эҷодии маҷаллаи «The European Times» мусоҳибаи хоса анҷом дод.**

Тавре иттилоъ дода шуд, ин маҷалла бо шумораи беш аз 410 ҳазор адад чоп шуда, асосан ба аъзои Парлумони Иттиҳоди Аврупо, парлумонҳои кишварҳои Аврупо, палатаҳои савдову саноат, бузургтарин ширкатҳои ин қитъаи ҷаҳон ва муассисаҳои бонуфузи молиявӣ, аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Аврупоии Таҷдиду Рушд ва дигар доираҳои иқтисодию сармоягузорӣ дастрас карда мешавад. Маҷаллаи мазкур, ҳамчунин ба шакли электронӣ дар сомонаи www.european-times.com нашр мегардад. Ҳар шумораи он ба як кишвари алоҳида бахшида шуда, имконоти иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, сайёҳӣ ва дигар афзалиятҳои онро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамояд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон имконоти фарохи ҳамкории иқтисодию сармоягузорӣ бо Тоҷикистон ва захираҳои фаровони табиию башарии кишварро ба онҳо бевосита муаррифӣ намуд. Таъкид гардид, ки Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодиёт низ барои ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ва ширкатҳои бонуфузи хориҷӣ «сиёсати дарҳои боз»-ро пеша кардааст.

Хотиррасон бояд намуд, ки гурӯҳи эҷодии маҷаллаи «The European Times» тайи се моҳ бо сохторҳои гуногуни давлатию хусусӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда, аз тамоми минтақаҳои кишвар барои як шумораи ин нашрия маводи зарурӣ гирдоварӣ менамояд. Дар ин шумора на танҳо имконоти иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, захираҳои фаровони табиӣ, балки зебоиҳои табиати биҳиштосо ва фарҳанги пурғановати Тоҷикистон инъикос хоҳад ёфт.

*www.prezident.tj*

## Қарори Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи даъвати Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 14 июни соли 2012 соати $9^{00}$ дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 24 майи соли 2012 №10**

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки ба баррасии Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум масъалаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»;

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Ҳамзамон баррасии дигар қонунҳою санадҳои ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар дар назар дошта шудааст.

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**28 майи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуд.**

Аъзои Шӯро рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ карда, нахуст масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пешниҳоду эродҳои баёнгардида аз рӯйи ин масъалаҳо қабул шуда, масъалаҳои номбурда барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Тибқи муқаррароти қарорҳои қабулкардаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкур барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

(тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷиҳати муҳокима ба аъзои Шӯро манзур намуд.)



иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эътироф кардан ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ» - ро, ки раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот О. Салимзода, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М. Ватанов ва муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология М. Ҳисориев ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намуданд, мавриди баррасӣ қарор доданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пешниҳоду эродҳои баёнгардида аз рӯйи ин масъалаҳо қабул шуда, масъалаҳои номбурда барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Пас аз муҳокимаи масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Нақшаи доир намудани муҳокимаҳои парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таври алоҳида доир ба ин масъалаҳо қабул шуданд.

Мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷиҳати муҳокима ба аъзои Шӯро манзур намуд.

Тибқи муқаррароти қарорҳои қабулкардаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкур барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Х. Ҳакимова, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният С. Амиршоева ва узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия И. Талбаков супорид.

Ҳамзамон тибқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2012 таҳти № 1235 барои иштироки фаъолона дар омодагӣ ва баргузории ҷаласаи дуюми Кумитаи ҳамкории парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Г. Рабиева, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, раиси Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Латипов, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Л. Саидмуродов, муовини роҳбари Дастгоҳ – мудири шӯъбаи хоҷагӣ ва хизматрасонӣ А. Алиев, мудири шӯъбаи робита бо кишварҳои хориҷӣ Т. Разоқов, сармутахассиси шӯъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Саъдуллоев бо Ифтихорномаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Аз рӯйи масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар фароварди ҷаласа ифтихорномаҳои Ассамблеяи Байнипарлумонии ИДМ, Ассамблеяи Байнипарлумонии Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъиро ба вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Шабозов, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Х. Ҳакимова...

*Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум».*
*Суратгир А.ИСОЕВ*



## Ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо кишвар ва созмонҳои хориҷӣ тақвият меёбад

**28 майи соли ҷорӣ муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назира Ғаффорова бо Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Финландия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Туула Юрела мулоқот намуд.**

Дар мулоқот масъалаи тақвияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Финландия мавриди гуфтугӯ қарор дода шуд. Масъалаи густариши муносиботи байнипарлумонӣ миёни ду кишвар низ аз мавзӯъҳои меҳварии мулоқоти Назира Ғаффорова ва Туула Юрела буд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагон бори дигар миннатдории худро тавассути бораи сафари худ ба Ҷумҳурии Финландия, ки чанде қабл сурат гирифта буд, маълумот дода, иброз дошт, ки ин сафар дар лавҳи хотироти ман ҳамчун сафари таърихӣ нақш хоҳад баст.

-Мо дар ҷараёни ин боздиди худ бо раиси парлумони Финландия дидору гуфтугӯ анҷом дода, роҷеъ ба муҳимтарин масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн сӯҳбат намудем,- гуфт Назира Ғаффорова ва илова намуд, ки муҳимтарин мавзӯи дидори мо бо раиси парлумони кишвари шумо тақвияти ҳамкориҳои байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумони Ҷумҳурии Финландия буд.

Дар мулоқот, ҳамчунин раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, раиси гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо парлумони Ҷумҳурии Финландия Амирқул Азимов иштирок дошт.



намояндагон таъкид кард, ки парлумонҳои кишварҳои мо бунёдгузори заминаҳои ҳуқуқӣ барои рушди ҳамкориҳои гуногунҷанбаи мамлакатҳоямон буда, фазои ҳуқуқӣ ва қонуниро ҷиҳати барқарорӣ ва тақвияти равобити дуҷониба ба вуҷуд меоранд.

Назира Ғаффорова дар бораи раванди муносиботи байнпарлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Финландия андешаронӣ карда, изҳор дошт, ки дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали соли ҷорӣ гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо парлумони Финландия ташкил шуд ва мо мутмаин ҳастем, ки таъсиси ин гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ равобити байнипарлумонии кишварҳои моро такони тоза бахшида, ҷиҳати густариши ин муносибот шароити мусоид фароҳам меорад.

Мавсуф ҳамчунин дар

Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Финландия дар ҷумҳурии мо аз раёсати парлумони ин кишвар барои пазиройии самимӣ аз ҳайати парлумонии Тоҷикистон баён намуда, ҳамзамон изҳор дошт, ки парлумонҳои ҳар ду кишвар заминаҳои ҳанӯз истифоданашудаи ҳамкориро дар ихтиёр доранд ва метавонанд дар ҳар фурсате аз ин заминаҳо барои таҳкими муносиботи байнипарлумонӣ истифода намоянд.

Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Финландия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Туула Юрела низ барои пазиройии самимона ба муовини Раиси Маҷлиси намояндагон изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид кард, ки ба ҳайси сафири кишвараш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми имконоти дар ихтиёрдоштааш ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ бо мамлакати мо истифода хоҳад кард.

***

**Ҳамчунин 28 майи соли ҷорӣ раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмадалӣ Ватанов ва оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хайринисо Юсуфӣ бо гузоришгари махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон ҷаноби Ананд Гровер ва ҳамроҳони ӯ мулоқот намуданд.**

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар самти ҳифз ва риояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешидани тадбирҳои пешгирӣ аз хурӯҷи бемориҳои гуногун, таъмини волоияти қонун, роҳҳои ҳалли мушкилоти аҳолии ниёзманд ва дигар мавзӯъҳо баррасӣ гардиданд.

Зикр шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти риоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, боло гузоштани арзишҳои инсонӣ дар баробари дигар манфиатҳо, ҳифзи саломатии аҳолӣ иқдомҳои ҷиддиро амалӣ менамояд. Бо таваҷҷуҳ ба он, ки ҳифзи сиҳатии омма аз масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷа барои ҳамаи кишварҳо ба шумор меравад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Сол аз сол афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ гувоҳи он аст, ки роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвари мо барои беҳбудии соҳаи тандурустӣ талошҳои муассир дорад ва натиҷаи ин иқдомот рӯз ба рӯз эҳсос мегардад.

Тавре Хайринисо Юсуфӣ изҳор дошт, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ ба пешрафтҳои қобили таваҷҷӯҳ ноил гардидааст ва коҳиши шумораи муроҷиаткунандагони тоҷик барои муолиҷа ба кишварҳои хориҷӣ аз ин шаҳодат медиҳад.

Гузоришгари махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон ҷаноби Ананд Гровер аз сатҳи риояи ҳуқуқи инсон ва ҳифзи арзишҳои инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ризоият карда, гуфт, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои зарфиятҳои бештар дар самти таҳия ва қабули қонун, санадҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад ва вакилони ин мақом имкони бештари аз ин зарфиятҳо истифода бурданро доранд, - гуфт дар хотима ҷаноби Ананд Гровер.

Дар мулоқот ҳамчунин вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Гулов ва Домуллоҷон Ҷабборов иштирок доштанд.

*Муҳаммадато СУЛТОНОВ, котиби матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*Суратгир А. ИСОЕВ*

● Дар партави Паёми Президент

# Паём ба таҳкими фаъолияти судӣ мусоидат мекунад

Дар робита ба нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 чунин зикр гардид: «Баъди қабули Конститутсияи кишвар ва ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардидани суд давлат ҷиҳати таҳкими асосҳои он пайваста таваҷҷуҳ зоҳир менамояд».

Ҳанӯз дар Паёми соли 2006-ум таҳия ва қабули Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба миён гузошта шуда буд. Ин Барнома бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 тасдиқ гардида, барои қабули кодексу қонунҳои нав, ташкили сохтори нави судӣ, коллегияҳои маъмурӣ ва оилавӣ ва ҳамчунин таъсиси вазифаи коромӯз-судяҳо мусоидат намуд.

Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар таҳрири нав таҳия ва қабул шуданд. Мутобиқи ин санадҳо аксари ваколатҳои амрдиҳӣ доир ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз 1 апрели соли 2010 ба салоҳияти судҳо вогузор гардид.

Тағйироти дар фаъолияти судҳо воридгардида масъулияти моро дучанд гардонид. Вобаста ба ин, зарурати пурзӯр намудани талабот ҳангоми интихобу таъин кардани судяҳо, баланд бардоштани малакаи касбии онҳо ба миён омад.

Айни замон барномаи мазкур тамоми фаъолияти рӯзмарраи ҳокимияти судӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқукро, ки бевосита ба амал баровардани адолати судӣ робитаи ҷудонашаванда доранд, дар бар гирифт.

Баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини мустақилият ва дахлнопазирии судяҳо яке аз ҳадафҳои воло ва сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Аз ин хотир борҳо таъкид намуданд: «Имрӯз барои ҷомеаи навини тоҷикон суди бо мазмуни аслиаш пурқувват ва боэътимод беш аз пеш зарур аст».

Вобаста ба талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010, Фармони Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз 3 январи соли 2011 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» ба имзо расид. Тибқи ин барнома бо мақсади андешидани чораҳои зиддикоррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти судӣ, тақвияти сатҳи шароити моддию техникӣ ва ташкилии судяҳо, давра ба давра зиёд намудани музди меҳнат, таъсиси сомонаҳои интернетӣ ҷиҳати шаффофияти фаъолияти судяҳо дар назар дошта шудааст.

Барномаи нав масъалаи бемӯҳлат таъин намудани судяҳои дорои собиқаи кории даҳсола дар таркиби судҳои умумӣ, ташкили судяҳои маъмурӣ ва оилавӣ, бинобар васеъ гардидани салоҳияти судҳо андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти судяҳо дар мавриди қабули қарорҳои қонуниву асоснок ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар фаъолияти онҳо, таҳия ва пешниҳоди Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар бар мегирад.

Дар Паёми имсола низ ба масъалаи фаъолияти судҳо ҷиҳати татбиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст.

Дастуру супоришҳои дар Паёми Сарвари давлат зикрёфта мо, кормандони мақомоти судиро вазифадор месозад, ки бобати баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат, корхонаю муассиса ва ташкилотҳо, ҳокимияти судӣ саъю кӯшиши пайваста намоем.

***Неъматулло ХОҶАЕВ,***
***коромӯз - судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе***

# Чароғи ҳидоят

Паёми имсолаи Президенти мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин даврони созандагию бунёдкорӣ ва эҷодкории миллати созандаи мо чароғи ҳидоятест ба сӯйи қуллаи баландтарини ормонҳои миллӣ. Маҳз чунин раҳнамо боиси пешрафти кишвар ва умеду орзуҳои ояндасози миллат хоҳад шуд. Паём дар баробари фарогир будани таҳлили дирӯзу имрӯз ва ояндаи ҷомеаи навини мо, ғамхориҳову дастгириҳои ҳамаҷонибаи раияти кишвар, дар маҷмӯъ сиёсати дохиливу берунии мамлакат ба дӯши мардуми созандаи тоҷик масъулияти бузург мегузорад.

Дар вохӯрие, ки Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо интихобкунандагони худ дар шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт дошт, мӯҳтавои Паёми Сарвари давлат хеле равшану возеҳ барои мардум бо як шевои дилписанду фаҳмо баён шуд.

Давоми бист соли истиқлолият мо ба комёбиҳои чашмгир ноил шудаем, аммо ҳанӯз миллат ба он фарҳанги пешиниён, ки имрӯз бо ҷомаи нави ба талаботи айём ҷавобгӯй ороста шавад, соҳиб нагардидааст. Дар ин ҷода масъулини соҳаи фарҳанг бояд бештар саҳмгузор бошанд. Тарбияи рӯҳии инсон имконият медиҳад, ки насли имрӯз дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва созандагӣ тарбия ёбад. Тарбияи ватандӯстӣ бошад, аз рукнҳои асосии тарбияи рӯҳии мардуми кишвар аст. Чун пешиниёни мо ба ин масъала диққати ҷиддӣ додаанд, чаро мо ғофил бошем. Насли наврас дар рӯҳияе бояд тарбия ёбад, ки ватанро ҳамеша дӯст дорад ва барои ҳифзи он омода гардад. Беҳуда ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ нафармудаанд:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Ин панд, ки аз муҳаббат ба Ватан хушрангу хушбӯст, аз умқи қарнҳои пешин имрӯз ҳам бо овози устод Фирдавсӣ ба гӯш мерасад. Ҳанӯз аз сангарҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ садои ватандӯстонаи шоири шаҳиди мо Ҳабиб Юсуфиро мешунавем, ки хитоб мекунад : «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар». Ин масъаларо бояд тамоми ҷавонон, ки бешак, ояндаи кишвар ва миллат ба эшон пайвастагӣ дорад, хуб дарк кунанд.

Мо олами маънавии мардумро бо чорабиниҳо ва таълимоти судманд, ки ба манфиати миллату кишвар бошад, пур накунем, бешак, тахрибкорон – неруҳои сӯзандаи ҷомеа метавонанд хостаи хешро кишт кунанд. Ин неруҳо дар ҳар шаклу сурат, ба ҳар воситаву усул талош доранд, ки пояҳои давлати ҷавони моро суст созанд. Онҳо ин кирдори нангинро бо дасти фарзандони нодону дунёбехабари ин миллати соҳибтамаддун амалӣ карданӣ мешаванд. Вақти он расидааст, ки фарзандони миллат дигар «пайи хирси кӯҳна накобанд». Дасти ҳамдигар бигиранду барои ободии ватани азиз меҳнат кунанд.

Президенти мӯҳтарам, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба дӯши фарҳангиён масъулияти бузург ва басо пурифтихор гузоштааст. Мо бояд он рисолатро ба ҷо оварда тавонем, ки «афроди ҷомеа чунон тарбия ёбанд, ки дар назди Ватан ва сарнавишти он, ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ, масъулияти хоса эҳсос намуда, барои иҷрои қарзи фарзандии худ ҳамеша омода бошанд».

***Диловари МИРЗО,***
***ноҳияи Рашт***

● Вакил ва интихобкунанда

# Паёмро бо хушнудиву қаноатмандӣ пазируфтанд

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фаҳмонидани мавзӯю мӯҳтаво ва тарғиби нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон мулоқоту вохӯриҳо доир намуданд.**

**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабоҳат Муқумова чунин мулоқотҳоро дар ҳавзаи интихоботии Шаҳринав №6 баргузор кард.**

- Ман мулоқотҳоямро бо интихобкунандагон ҳамеша бесаброна интизор мешавам ва бо истифода аз ҳар фурсати муносиб бо онҳо вохӯриҳо доир менамоям, - оғоз кард ба сӯҳбати мо Сабоҳат Муқумова ва идома дод: - Инак, бо мақсади тарғиби нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон дар ҳавзаи интихоботӣ мулоқоту вохӯриҳо доштам. Дар маҷмӯъ, 16 вохӯрӣ баргузор шуд, аз ҷумла 12 мулоқот бо интихобкунандагон –сокинони ноҳияи Шаҳринав, ду мулоқот бо интихобкунандагон аз ду деҳоти шаҳри Турсунзода ва ду вохӯрии дигар бо сокинони ду деҳоти ноҳияи Ҳисор.

Зимни мулоқотҳо бо намояндагони ҳама қишрҳои ҷомеа –деҳқонон, коргарон, ҷавонон, занон, кормандони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот вохӯриҳо доир кардам.

Муаллифи ин сатрҳо дар якчанд мулоқотҳои Сабоҳат Муқумова иштирок дошта, бевосита мушоҳида мекардам, ки ин вохӯриҳо хеле диққатҷалбкунанда доир гардиданд.

Вакили Маҷлиси намояндагон Сабоҳат Муқумова бо далелу мисолҳои равшану возеҳ ҳар банди Паёми Сарвари давлатро роҷеъ ба дастовардҳои тӯли бист соли Истиқлолияти давлатӣ бадастомада, ҳадафҳои бунёдкоронаи давлатро оид ба таъмини рушди босубот, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, фароҳам овардани шароит ба рушди ҳама бахшҳои ҷомеа, ташкили ҷойҳои нави кор ва монанд ба ин масъалаҳо ба тарзи оммафаҳм маънидод мекард.

Махсусан масъалаҳои хеле муҳими дар Паём зикршуда, аз қабили зиёдшавии даромади аҳолӣ, паст шудани сатҳи камбизоатӣ, сиёсати андозбандиву роҳҳои ғанигардонии буҷети давлатӣ, маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи иҷтимоиёт, алалхусус ба соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, баланд бардоштани маошу нафақа, рушди соҳибкории хурду миёна, пешрафти соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакат, сиёсати дарҳои кушода, ки роҳбарияти кишвар пеша кардааст, аз ҷониби Сабоҳат Муқумова тавзеҳ ёфта, бо таваҷҷуҳи том шунидаву пазируфта шуд.

Саволу дархостҳои интихобкунандагон низ хеле мароқовар буд. Аксари саволҳое, ки аз ҷониби онҳо матраҳ мешуд, ба фаъолияти қонунгузории мақоми олии қонунгузор робита дошт. Дар робита ба ин вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабоҳат Муқумова ба онҳо оид ба қонунҳои мукаммал ва тағйироту иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, ки давоми як соли охир қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифтаанд, маълумот медод.

Мавзӯъҳои дигар низ аз ҷониби интихобкунандагон иброз мешуданд, ки ба масъалаҳои ободонии маҳал, танқисӣ аз оби нӯшокӣ, таъмирталаб будани мактабҳо, роҳҳо, эҳтиёҷ ба қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, ҷудо намудани замин барои майдончаҳои варзишӣ, таъмир ва бунёди толорҳои варзишӣ барои мактаббачагону ҷавонон, таъмири муассисаҳои томактабӣ, набудани ҷойи кор барои занону ҷавонон, дар мавсими зимистон аз пардохти андозҳо озод намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар заминҳои обӣ таъсис шудаанд, гаронии нархи табобат дар шифохонаю дармонгоҳҳо, фарсуда шудани симчӯбҳо, мушкилоти раисони ҷамоатҳо ҳангоми даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва ғайра дахл доштанд.

Аз ҷумла сокинони деҳоти Мирзо Турсунзодаи ноҳияи Ҳисор дар хусуси то ҳол оғоз нагардидани сохтмони мактаб дар деҳаи Даҳбед бо 33 синфхона барои 1176 нафар хонанда ва дар ҳолати садамавӣ будани биноӣ мактаби амалкунанда, сокинони маркази ноҳияи Шаҳринав аз хеле кашол ёфтани бунёди зеристгоҳи барқӣ изҳори нигаронӣ карданд. Дар тамоми ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав, ки ба ин ҳавзаи интихоботӣ дохил мешаванд, пешниҳод гардид, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, масъалаи даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шавад, то ин ки шавқу рағбати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ зиёд гардида, бо ҳар роҳу восита аз даъват пинҳон нашаванд.

- Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби интихобкунандагон бо хушнудӣ пазируфта шуд, - гуфт дар фарҷоми сӯҳбат вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабоҳат Муқумова ва изҳори боварӣ намуд, ки мулоқотҳои баргузоршуда дар амри таҳкими робитаи бевоситаи вакил ва интихобкунанда ва татбиқи амалии нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим хоҳад дошт.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***«Садои мардум»***

# Иқдомоти дастаҷамъона-кафолати ривоҷи фаъолият

Рӯзҳои 22-24 майи соли 2012 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи муштараки Шӯрои ҳамоҳангсозии «Евразия» бо иштироки роҳбарони мақомотҳои аэронавигатсионии кишварҳои ИДМ баргузор шуд. Муассиси ташкилоти фавқуззикр, ки соли 1999 ташкил ёфтааст, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон маҳсуб меёбанд. Баъдтар ба ҳайси узви доимии Шӯро Ҷумҳурии Белорус ва Озарбойҷон ворид шуданд.

Мақомоти аэронавигатсионии ҶСП «Армаэронавигатсия»-и Ҷумҳурии Арманистон, бузургтарин истеҳсолкунандагони таҷҳизоти аэронавигатсионӣ ва марказҳои таълимии соҳавии Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Латвия, Чехия, Испания, Австрия, Олмон ва ИМА нозирони доимии ташкилоти мазкур мебошанд. Ба ҳайати нозирони доимии Шӯро ҳамчунин Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ шомил мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки Шӯрои ҳамоҳангсозии «Евразия» бо мақсади татбиқи «Консепсияи ҳамоҳангкунии низомҳои миллии ташкили ҳаракати ҳавоии давлатҳои аъзои ИДМ», ки аз тарафи Сарони давлатҳои аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозии «Евразия» қабул гардидааст, таъсис шуда, баҳри таъмини дараҷаи якрангии қоидаҳои танзимкунанда, стандартҳо ва амалиёти расмиётӣ, ҳамчунин сабукшавии ҷараёни амалкарди якҷояи низоми аэронавигатсионии миллӣ равона гардидааст.

Дар ҷаласа, ба ғайр аз ҳайатҳои аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозии «Евразия», намояндагони ширкатҳои машҳуртарини ҷаҳонии Lockheed Martin Corporation (ИМА), INDRA (Испания), ERA (Чехия), ҶСП «Пеленг», ҶСК «Азимут», ҶСК ИИИ «ЛЭМЗ» ва ҶДММ «Монитор Софт» (Россия) ширкат варзиданд.

***Д. АБДУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

# Таҳкими робитаҳои дӯстона

Чанде пеш дар пойтахти Ҷумҳурии Туркманистон шаҳри Ашқобод конфронси байналмилалӣ таҳти унвони «20 соли Конститутсияи Туркманистон: Таҷрибаи таърихии сохтмони давлати соҳибистиқлол» баргузор гардид. Ба ин ҳамоиш намояндагони 22 кишвари дунё ҷамъ омада буданд. Ҳайати намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаффорова Назира Абдуллоевна ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирбек Маҳмадалиев дар конфронс ҳузур дошт.

Пеш аз ифтитоҳи конфронс бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Гурбонгули Бердимуҳамедов маросими гулгузорӣ ба пояи Маҷмааи «20-солагии Конститутсияи Туркманистон» баргузор гардид. Худи ҳамон рӯз Гурбонгули Бердимуҳамедов ҳайати намояндагони Тоҷикистонро ба ҳузур пазируфт. Зимни сӯҳбат, аз ҷумла оид ба масоили муносибати байнипарлумонӣ ва ҳамкориҳои дӯстона миёни Тоҷикистон ва Туркманистон ибрози назар карда шуд.

Дар ҷаласаи рӯзи аввали конфронс муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаффорова Назира Абдуллоевна дар назди ҳозирин суханронӣ кард. Рӯзи дуюми конфронс, баъди анҷоми ҷаласа, мулоқоти ҳайати намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Раиси Маҷлиси Туркманистон Акджа Таджиевна Нурбердиева доир гардид. Зимни сӯҳбати дӯстона А. Нурбердиева ва муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Ғаффорова оид ба таҷрибаи фаъолияти парламентҳои Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, равобиту ҳамкориҳои вакилони парлумони ду кишвари дӯст мубодилаи афкор намуданд. Ҷонибҳо хостори он шуданд, ки бо мақсади таҳкими равобит ва ҳамкориҳо гурӯҳҳои дӯстии байни Маҷлиси Туркманистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шавад. Ҳар ду ҷониб ин пешниҳодро қобили қабул дониста, иброз намуданд, ки ин ва дигар тадбирҳо имкон медиҳанд, ки дар оянда равобити байнипарлумонии ду кишвар ва ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи дӯстонаи ду халқи ба ҳам бародар таҳким ёбад.

***Б. КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Дар сӯҳбати мутахассис

# Далели бо истифодаи шиканҷа гирифта асоси қонунӣ надорад

**Мувофиқи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалҳои ҷиноятии вобаста ба шиканҷа моддаи нав ворид карда шуд. Доир ба ҷой ва нақши он дар қонунгузории ҷорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққкунӣ хабарнигорамон бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода мусоҳиб гардид.**



**-Барои пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд. Заминаҳои ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда то чӣ андоза ҷиҳати пешгирии шиканҷа имконияти мусоид фароҳам меоранд?**

-Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро соли 1994 ба тасвиб расондааст. Баъдан ба Кумитаи зидди шиканҷаи СММ оид ба иҷрои ин Конвенсия маърӯза низ пешниҳод кардааст. Дар асоси маърӯзаи пешниҳодшуда Кумитаи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намуд ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шиканҷа моддаи алоҳида, ки тамоми ҷанбаҳои шиканҷаро дар бар гирад, ворид намояд.

Ҳамин тариқ, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида-«Моддаи $143^{1}$. Шиканҷа» илова гардид. Қаблан якчанд моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои содир намудани шиканҷаро дар бар мегирифт. Аз ҷумла дар моддаҳои 117 (Азобу уқубат), 354 (Аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ тафтиши пешакӣ гузаронанда ё адолати судиро татбиқкунанда маҷбур сохтан ба додани нишондод), 316 (Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ) амалҳои ҷиноятии вобаста ба шиканҷа муқаррар ва ҳукми ҷазо муайян карда мешуд.

**-Моддаи $143^{1}$, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова шудааст, пурра фарогири амалҳои вобаста бо шиканҷа буда метавонад? Агар талаботи ин модда риоя нагардад, чӣ гуна ҷазо пешбинӣ шудааст?**

-Дар моддаи иловашудаи $143^{1}$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми пурраи шиканҷа ба талаботи моддаи 1 Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф пурра мутобиқ гардонда шудааст. Зеро ҳар давлати Конвенсияи мазкурро ба тасвибрасонда ин талаботро бояд риоя намояд.

Шиканҷа амали ҷиноятӣ аст ва онро Конвенсияи мазкур низ эътироф кардааст. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии шиканҷа ва дигар шакли муносибату ҷазои бераҳмонаро бо таҳдиди ҷазои ҷиноятӣ манъ менамояд.

Дар қисми якуми моддаи иловашудаи$143^{1}$ мафҳуми шиканҷа оварда шудааст: «Қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронанд ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст».

Дар моддаи мазкур намуд ва мӯҳлати ҷазо низ гуногун мебошад. Чунончӣ, қисми якум ҷазои ҷарима дорад, ки аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳоро дар бар мегирад ва маҳрум сохтан аз озодӣ аз ду то панҷ сол муқаррар гардидааст.

Дар қисми дуюми модда бошад, агар ин кирдор, яъне шиканҷа такроран, ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, нисбати зане, ки ҳомиладории ӯ барои гунаҳгор аён аст ё шахси баръало ноболиғ ё нисбати маъюб мебошад ва ё бо расонидани зарари миёна ба саломатӣ содир шавад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи мазкур шиканҷа бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё боиси дигар оқибатҳои вазнин гардида бошанд, мӯҳлати ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ аз даҳ то понздаҳ солро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, моддаи$143^{1}$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се қисм иборат буда, ҷазо вобаста ба тарзҳои кирдори содиршуда ва вазнинии ҷиноят муқаррар гардидааст.

**-Бо илова шудани ин моддаи нав тартиби баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ чӣ гуна сурат мегирад?**

-Пеш аз ҳама мувофиқи талаботи қонунҳои марбута тамоми хусусияти ҷиноят бояд мушаххас гардонда шавад. Шахсони мансабдоре, ки бо кадом мақсаде ё ба воситаи шахси сеюм нисбати шахс шиканҷаро раво мебинанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Ҷинояти марбути шиканҷа дар боби ҷиноятҳои ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркардашуда ба талаботи Конвенсияи мазкур ва Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки инсон ҳуқуқу озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф намудааст (моддаи 5), пурра мутобиқат менамояд. Акнун дар мақомоти марбутаи ҳифзи ҳуқуқ амалҳои ҷиноятии вобаста ба шиканҷа алоҳида ба қайд гирифта мешаванд. Ба ин восита имконияти воқеии назорат ва тафтишу баррасии парвандаҳо бештар мегардад.

Истифодаи шиканҷа ё дигар муносибату ҷазои бераҳмона, ғайриинсонии таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон кирдоре мебошанд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд зарари ҷиддӣ мерасонанд. Барои шахси ҷиноятсодирнамуда ҷазо пешбинӣ шудааст ва тафтишу таҳқиқ низ бояд дар доираи талаботи қонун сурат гирад, на ба тариқи фишору зӯроварӣ. Далел фақат иқроршавӣ нест ва мақомоти тафтиш санҷишу таҳқикро ҳаматарафа бояд анҷом диҳанд. Аммо ҳолатҳое мешаванд, ки шахсони тафтишу таҳқиқмебурда бештар ба худиқроршавии дастгиршуда кӯшиш мекунанд. Бо ин мақсад дар баъзе ҳолатҳо аз тарзу воситаҳои ғайриқонунӣ истифода мебаранд. Зарур аст, ки чунин амалияи тафтиш ва таҳқиқ тағйир дода шавад.

**-Яъне, бо роҳи зӯроварӣ, фишор, баъзан латукӯб маҷбур мекунанд, ки шахс иқрор шавад ё гуноҳи содирнакардаро бар дӯш гирад?**

-Баъзан ҳолатҳои аз ҷониби кормандони мақомоти таҳқиқу тафтиш барои гирифтани далел ҳолатҳои истифодаи зӯроварӣ ба назар мерасанд.

Назорати иҷрои қонунгузорӣ дар бораи пешгирӣ, ошкор намудан ва тафтиши шиканҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти прокуратура вогузор карда шудааст. Ба мақомоти прокуратура соли 2010-ум 48 адад ва соли 2011 бошад, 26 ариза оид ба истифодаи усулҳои норавои тафтишот, азобу шиканҷа ва дигар намудҳои муомилаи бераҳмона аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид шудааст. Соли 2010 дар 13 ҳолат ва соли 2011 дар 5 ҳолат ваҷҳҳои дар арзу шикоятҳо овардa тасдиқи худро ёфтанд ва нисбати онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

**-Усулҳои норавои шиканҷа бештар дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ истифода мешаванд ё ҳангоми бурдани корҳои таҳқиқу тафтиш нисбати шахси ба содири ҷиноят гумонбаршуда?**

-Дар муассисаи ислоҳӣ як нафар дар натиҷаи азобу шиканҷа ба ҳалокат расонда шуда буд. Барои содири чунин амали бераҳмона ва ғайриинсонӣ, ки боиси марги шахс гардид, ду нафар корманди муассисаи ислоҳӣ ба мӯҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ ҳолатҳои ба ҳалокат расонидан ва 5 ҳолати латукӯби шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст. Оид ба ҳамаи ин ҳолатҳо гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

Аз рӯйи таҳлилҳое, ки мо дорем, азобу шиканҷа ва дигар намуди зӯроварӣ дар бештар ҳолатҳо аз ҷониби кормандони мақомоти таҳқиқу тафтиш нисбати шахсони ҳамчун гумонбар дар тавқифгоҳҳои муваққатӣ боздоштгардида истифода мешаванд. Дар давоми се моҳи соли ҷорӣ барои усулҳои норавои тафтишот, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода бурдаанд, аз ҷониби мақомоти прокуратура се парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

**-Вобаста ба истифодаи шиканҷа шаҳрвандон барои кӯмак ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамоянд?**

-Дар солҳои 2009-2010 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 14 ва соли 2011-ум 5 муроҷиати шаҳрвандон ворид гардид, ки дар онҳо шаҳрвандон ё наздиконашон истифодаи шиканҷаро иброз намудаанд. Якҷоя бо мақомоти прокуратура ин муроҷиатҳо ҳамаҷониба омӯхта шуданд. Баъзе шаҳрвандон хоҳиш менамоянд, ки ҳолати нигоҳдории фарзандонашонро дар муассисаҳои ислоҳӣ тафтиш намоем. Чунончӣ, дар асоси муроҷиати шаҳрвандон, аз вилояти Суғд, аз аҳволи фарзандонашон, ки дар яке аз тавқифгоҳҳо нигоҳ дошта мешуданд, воқиф гашта, ба онҳо бевосита сӯҳбат гузаронидем. Аз натиҷаи тафтиш ба волидайнашон ҷавоб додем.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда мо чунин ваколатҳоро дорем, ки бевосита аз муассисаҳои ислоҳӣ дидан ба амал орем ва бо ҳолати нигоҳдории маҳкумшудагон шинос гардем. Соли гузашта Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои ислоҳии вилояти Суғдро мавриди тафтиш қарор дод. Ҳамзамон кормандони мо дар мурофиаҳои судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бевосита иштирок менамоянд. Бо кормондани муассисаҳои ислоҳӣ, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирии ҳама гуна истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ, шиканҷа ва дигар намудҳои муомилаи бераҳмона семинару вохӯриҳо доир менамоем.

Илова намудани моддаи нав ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси муҳими ҳуқуқӣ дар мубориза ба муқобили шиканҷа ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# Ба «Садои мардум» ҷавоб омад

**Ба унвони рӯзномаи «Садои мардум» аз номи маҳкумшуда У.О.Қодиров нома ворид шуд. Муаллиф аз он изҳори норозигӣ кардааст, ки нисбаташ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» татбиқ нагаштааст. Рӯзнома номаи У.О.Қодировро барои баррасӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода буд. Ба рӯзнома аз Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин мазмун ҷавоб омад:**

Муроҷиати маҳкумшуда У.О.Қодиров оид ба ғайриқонунӣ будани ҳукми Суди вилояти Хатлон, бе баррасӣ мондани муроҷиатҳояш ба мақомоти судӣ ва нисбаташ татбиқ карда нашудани санади авф, ки тавассути идораи рӯзномаи «Садои мардум» аз 31 январи соли 2012 таҳти №13 ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, мавриди баррасии ҳаматарафа қарор дода шуд.

Бояд зикр намуд, ки номбурда бо ҳукми Суди ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон аз 20 октябри соли 2009 бо моддаи 139 қисми 4 банди «а» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба мӯҳлати 16 сол маҳрум сохтан аз озодӣ, бо нигоҳ доштан дар муассисаи ислоҳии низомаш сахт маҳкум карда шудааст.

Дар асоси моддаи 7 зербанди «в» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 3 ноябри соли 2009 мӯҳлати ҷазои адонагардидаи маҳкумшуда аз 4/1 ҳисса, яъне 3 солу 11 моҳу 12 рӯз ва тибқи моддаи 8 банди 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 20 августи соли 2011 мӯҳлати адонагардидаи ҷазояш аз 4/1 ҳисса, яъне 2 солу 6 моҳу 20 рӯз кам карда шудааст.

Дар ин замина ба ӯ фаҳмонида шуд, ки талаботи қонуни мазкур нисбаташ дуруст ва қонунӣ татбиқ карда шудааст.

Омӯзиши асоснокии қарорҳои судӣ нисбати номбурда нишон дод, ки ҳукми Суди ноҳияи Хуросон аз 20 октябри соли 2009 ва таъиноти коллегияи судӣ оид ба корҳои ҷиноятии Суди вилояти Хатлон аз 24 ноябри соли 2009 қонунӣ буда, асос барои овардани эътироз бо тариқи назоратӣ мавҷуд нест.

***Ҳ.С.ВОҲИДОВ,***
***муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3***

● Дабистони намунавӣ

# МАКТАБИ АКАДЕМИКҲО

Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-уми шаҳри Истаравшан ба номи А.М.Горкий аз ҷумлаи кӯҳантарин дабистонҳои кишвар маҳсуб гардида, ҳанӯз соли 1919 таъсис ёфтааст.

Бино ба гуфтаи яке аз кӯҳансолтарин омӯзгорони ин мактаб Набиҷон Қодиров, ки 91 сол дошта, зиёда аз 70 соли онро дар ҳамин мактаб ба таълиму тарбияи насли наврас бахшидааст, мактаби мазкурро тӯли фаъолияти зиёда аз 93-сола ҳазорон нафар толибилмон хатм кардаанд, зиёда аз 2000 нафарашон соҳиби маълумоти олӣ шудаанд. Дар байни онҳо ашхоси барӯманду машҳур хеле зиёд мебошанд. Аз ҳамин ҳисоб 9 нафар академик ва 11 нафар аъзои вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, Академияҳои илмҳои кишоварзӣ, тиб ва педагогика маҳсуб мешаванд. Дар байни ин афроди барҷаста олимони соҳиби шӯҳрати ҷаҳонӣ, ба мисли академикҳо Раҷаб Амонов, Ахрор Мухторов, Пӯлод Бобоҷонов, Маъруф Раҳимов, Ӯлмас Мирсаидов, Ҳабибулло Саидмуродов, Хуршеда Отахонова, аъзои вобаста Саъдулло Исломов, Саидаҳмад Каримов, Кароматулло Олимов, Юсуф Акрамов, Қурбон Алиев ва Инъом Норматов аз ҳамин қабил мебошанд, ки бо дастовардҳои илмии хеш обрӯю нуфузи кишвари моро ба ақсои олам бурдаанд.

Шумораи докторону профессорони дар ин мактаби шӯҳратёр парваришёфта дар ҷумҳурӣ зиёда аз 20 нафар ва номзадҳои илм наздик ба 60 нафарро ташкил медиҳанд.

Ба ҷузъ ин ҳама, дар замони Шӯравӣ даҳҳо дастпарварони ин мактаб дар вазифаҳои баланди ҳизбию давлатӣ ифои вазифа кардаанд. Масалан, дастпарварони ҳамин мактаб Аҳмадҷон Исмоилов солҳои зиёд вазифаи вазири нақлиёт ва роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон, Аюб Ҳайдаров раиси КМ Иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ, Мирзо Бобоҷонов ҷонишини мудири шӯъбаи КМ ПК Тоҷикистон, Баҳром Сироҷов раиси ШСХК «Барқи Тоҷик», Назир Муллоҷонов раиси Кумитаи давлатии моҳипарварии мамлакатро ба ӯҳда доштанд. Муовини Раиси Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон Зӯҳро Шодиева, вакилони Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон Фотима Шарифова ва Саврӣ Бердишукурова ҳамин мактабро хатм кардаанд.

Шогирди ҳамин мактаб, генерал-майор Бахтиёр Орифов муовини раиси Кумитаи мудофиаи шаҳрвандӣ ва ҳолатҳои фавқулоддаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Чун аксари олимону донишмандони истаравшанӣ хатмкардаи ҳамин мактаб мебошанд, он бо номи «Мактаби академикҳо» машҳур шудааст.

-Дастовардҳои мактаб тӯли солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон низ кам нестанд,-мегӯяд мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва кор бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр Барно Ашрафова. -Масалан, соли 1994 бахшида ба ҷашни «Ҳазораи «Шоҳнома» шогирдону устодони ҳамин мактаб Абдуманон Ҳусейнзода, Ӯлмас Қурбонов ва Мирвафо Яҳёев дар озмуни ҷумҳуриявӣ иштирок карда, мақоми аввалро ишғол намуданд ва ҳамчун ғолиби озмун ба зиёрати зодгоҳи шоири бузург Фирдавсӣ ва тамошои шаҳру вилоятҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон шарафёб гардиданд. Пешравиҳо дар тарбияи кадрҳо низ кам нест. Масалан, соли 2011 аз 57 нафар хатмкардагони ин дабистон 33 нафарашон ба мактабҳои олии кишвар ва берун аз он дохил шуданд. Соли 2010 барои ин мактаб «Соли рекордӣ» ба ҳисоб меравад, зеро аз 66 нафар хатмкардагони мактаб 49 нафарашон донишҷӯй шуданд.

Хонандаи ин мактаб Манучеҳр Ғафуров дар озмуни байналхалқии Шӯроҳои амрикоӣ оид ба маориф (Флекс) доиргардида ғолиб омада, барои таҳсили яксола дар Амрико роҳхат гирифт,-гуфт Б. Ашрафова.

Нависандаи сатрҳо ба хотири огоҳӣ ёфтан аз вазъи таълиму тарбия дар ин мактаб вориди дафтари кории сарвари мактаб Муаззама Абдуваҳҳобова гашт.

Ман нависандаи ин сатрҳо, сарвари мактабро хуб мешиносам, зеро ҳар ду дар як синф таҳсил кардаем, дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3, ки ҳоло номи Мирзо Бобоҷоновро гирифтааст. Муаззама Абдуваҳҳобова зани бомаърифату ташкилотчист. Аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс мегӯяд. Ба рӯзноманигорӣ низ шавқи зиёд дорад. Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон. Ҳашт сол боз сарварии ҳамин мактабро ба ӯҳда дошта, роҳбарии маҳфили «Навқаламони наврас»-и мактаб низ дар дӯши ӯ аст.

Мактабро мо тозаю озода ёфтем, синфхонаҳо аксар муҷаҳҳаз мебошанд. Се синфхонаи компютерӣ дорои 43 адад компютер ва чор принтер, хати барқи озод ва дигар таҷҳизоти электронист.

-Дар мактаб зиёда аз 2000 нафар хонанда таҳсил мекунад ва ба онҳо 89 нафар омӯзгорон дарс мегӯянд,-мегӯяд сарвари мактаб. Яке аз кӯҳансолтарин омӯзгоронамон Набиҷон Қодиров, ки чанде пеш ба нафақа рафтанд, зиёда аз 75 сол ба толибилмон аз фанни риёзию ҳандаса дарс гуфтанд. Аслан, он кас ба нафақа рафтанӣ ҳам набуданд, зеро мегуфтанд:

-То даме дастам бӯрро медорад, чашмонам талабагонро мебинад ва қудрати рост истодан дорам, аз мактаб намеравам, чунки мактаб маънии зиндагии ман аст.

Вале писари калониаш дар синни 63 -солагӣ ба нафақа баромада, аз падар хоҳиш кардааст, ки ӯ низ ин роҳро пеш гирад. Мабодо мардум фикр накунанд, ки Қодиров ба маблағ эҳтиёҷ дорад, зеро писараш ба нафақа баромаду ӯ чунин ниятро надорад, нагӯяндгӯён падарро ба ин кор розӣ кардааст,-мегӯяд бо табассум М.Абдуваҳҳобова.

-Ба бахти мо болои сарамон имрӯз ҳам устодони қавӣ Миробид Бадиев ва Муҳаммадӣ Орифов чун офтоб медурахшанд, ки ҳар яке 17-18 солӣ ин мактабро сарварӣ кардаанд. Наздик ба 90 фоизи устодон дорои маълумоти олӣ ва 47 нафар соҳиби тахассуси олии касбӣ мебошанд. Хушбахтона, имрӯз Давлату Ҳукумати Тоҷикистон, хусусан Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нисбати таълиму тарбия чун як рукни асосии ҳадафи стратегии давлат ғамхориҳои зиёд зоҳир менамоянд ва ба кору рӯзгори омӯзгорон низ бетараф нестанд. Зеро ба тасдиқи ин гуфтаҳо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтаанд: «Омӯзгорон машъалафрӯзони илму дониш буда, дар замири хонандагон шӯълаи меҳри хондану аз бар намудан ва омӯхтани донишҳои гуногуни илми муосири ҷаҳонро меафрӯзанд. Ба ибораи дигар онҳо шаҳсутунҳои низоми таълиму тарбия ва омӯзишу парвариш мебошанд».

-Дар мактаб бобати таҷҳизонидани дафтарҳои фаннӣ, асбобу ашёи хониш, таъмиру таҷдиди бино ва синфхонаҳои мактаб камбудӣ надорем. Соли гузашта бо мадади соҳибкорону тоҷирони худӣ ва волидайни мактабиён ба маблағи шаш ҳазор сомонӣ толору майдончаҳои варзиширо таъмир кардем,-мегӯяд сарвари мактаб ва меафзояд: -Як қисми синфхонаҳои фанниро мо ба собиқ дастпарварони мактаб ё аҳли оилаи онҳо вобаста кардаем. Масалан, синфхонаи дифоӣ ба генерал-майор Бахтиёр Орифов, технологияи информатсионӣ ба фарзанди дастпарвари мактаб Гадойбой Собиров-Баҳодур Собиров, дафтари забонро ба духтари Аюб Ҳайдаров-Фирӯза Ҳайдарова вобаста кардаем ва онҳо барои ислоҳи камбудиҳои мавҷуда ҳамеша дасти мадад дароз мекунанд.

Дар мактаб, ҳар ҳафта ин ё он чорабинии судбахш мегузарад. Ба наздикӣ мулоқот бо раиси шаҳри Истаравшан, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳим Абдуллоев доштем. Он кас бо кору рӯзгори мактаб, толибилмон ва устодон шинос шуда, ҷиҳати рафъи баъзе камбуду мушкилот андешидани тадбирҳои мушаххасро изҳор доштанд. Аз ин пештар бахшида ба 75-солагии дастпарвари мактаб, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Гадойбой Собиров дар мактаб озмуни «Беҳтарин риёзидонҳо» доир намудем ва писари ин олими шодравон Баҳодур Собиров, ки соҳибкори варзида аст, ба ҷуз он ки ба ғолибон ва иштирокдорони ин озмун тӯҳфаҳои хоса супорид, ба мактаб ҳамчунин 10 адад компютер, як принтер, як телевизори ранга ва 16 адад мизу курсӣ тӯҳфа намуд. Ҳамчунин кӯмакро бобати таҷҳизонидан бо мизу курсиҳои мактабӣ духтари Аюб Ҳайдаров-Фирӯза Ҳайдарова низ анҷом дод.

Мақсади асосии мо татбиқи ҳамаҷонибаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ислоҳоти соҳа ва ҳароина беҳтар намудани сифату кайфияти таълиму тарбия аст. Орзу дорем, ки мактаби мо боз пешсафию дастовардҳои пешинаи худро аз сари нав соҳиб шавад. Мо баҳри иҷрои ин ниятҳо ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ дода, боварӣ дорем, ки нақшаҳоямон пурра амалӣ мешаванд,-мегӯяд М.Абдуваҳҳобова.

Албатта, дар рӯзгори имрӯзаи мактаб қазияву муаммои зиёд ҳанӯз ҳам мавҷуданд. Масалан, омӯзгорон Миробид Бадиев, Ӯлмас Қурбонов, Ҳусейн Расулов, Раҳбар Исматова баён доштанд, ки китобҳои дарсӣ, хусусан «Адабиёти тоҷик» барои синфҳои 9-10, «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихи умумӣ» намерасанд. Омӯзгорони дигар арз карданд, ки асбобҳои аёнӣ низ камчин мебошанд. Онҳо ҳарчанд дар мағозаҳо мавҷуданд, вале нархи гарон доранд, иқтидори мактаб ба харидориашон намерасад.

Аҷиб он аст, ки бинои паҳлуи мактабро, ки дар мувозинаи мактаб қарор доштааст, ба ихтиёри маркази саломатии рақами 2 додаанд. Аслан ин бино бинои асосии мактаб мебошад, вале онро охири солҳои 90-ум ба Шӯъбаи маориф ва сипас дар ихтиёри поликлиникаи бачагона қарор додаанд. Дар натиҷа, ин муассисаи тиббӣ дар асоси ислоҳоти соҳа «Маркази саломатии №2» ном гирифт. Мутаассифона, ҳар рӯз ба ин ҷо даҳҳо беморони гирифтори вирусҳо меоянд ва гузаштани ин бемориҳо ба мактабиён ҳодисаи муқаррарист.

Дар ин маврид ман бо муовини раиси шаҳр Мӯсо Олимов ҳамсӯҳбат гаштам. Номбурда гуфт, ки феълан дар шаҳри Истаравшан сохтмони биноҳои иловагии таваллудхонаи марказӣ дар ҳоли анҷомёбист. Баробари мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани ин иншоот масъалаи кӯчонидани бинои «Маркази саломатии рақами 2» низ ҳал хоҳад шуд ва мактаби мазкур аз сари нав соҳиби бинои асосии хеш мегардад.

*Ҳусейни НАЗРУЛЛО ,*
*«Садои мардум»*

● Онҳо ба Лондон мераванд

# МУШТҲОЕ, КИ ШӮҲРАТ МЕОРАНД

Аслан мушт задан, ба касе мушт бардоштан кори ҷавонмардон нест. Баръакс, нишонаи ҷавонмардӣ дасти афтодаеро гирифтан, ба инсони дигаре кӯмак намудан, дасти сахо кушодан ва монанди инҳост. Аммо ҳунари ифтихории муштзание аст, ки ҷавонмардон ва ҳатто духтарон як умр бо он машғул мешаванду бо ин амалашон ҳам худ соҳиби иззату эҳтиром мегарданд ва ҳам Ватанро шӯҳратёр мегардонанд.

Анвар Юнусов аз қабили ҳамин гуна ашхос аст ва имрӯзҳо дар мусобиқаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба шарафи ин ҷавони тоҷик Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд мекунанду Суруди миллӣ низ садо медиҳад…

Нақши оила бароиояндаи фарзандон бисёр бузург аст. Анвар низ дар оилае ба дунё омадааст, ки сарвари он Музаффар Юнусов дар паҳлавонӣ шӯҳратёр буд. Музаффар Юнусов дар намуди гӯштии самбо, таҳти роҳбарии мураббӣ Исмат Абдуллоев, тамрин намудааст. Ҳамчунин ба гимнастика машғул буд ва аз рӯйи ин намуди варзиш меъёри номзад ба устодиро ба ҷо овардааст.

Якуми феврали соли 1987, вақте писари сеюми Музаффар Юнусов ба дунё омад, падар орзу карда, ки кош, ин фарзандаш мисли ӯ паҳлавон ва соҳиби обрӯй гардад. Бинобар ин, аз овони кӯдакӣ Анварро ба машғулиятҳои варзишӣ талқин мекард. Ҳамин дарсҳои нахустин ва насиҳатҳои қиблагоҳаш ӯро роҳнаварди шоҳроҳи бузурги варзиш гардонид. Дар ин миён, ба ҳукми тақдир, соли 1997 падараш аз бемории қалб вафот кард. Анвар, ки ҳанӯз навраси 10 -сола буд, азм намуд, ки орзуи падарро ҳатман амалӣ мегардонад.

Соли 2003, баъди синфи 9-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №66-и шаҳри Душанбе ба Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии таҳсилоти умумии тамоюли варзишии ба номи Иброҳим Ҳасанов» дохил шуда, онро бомуваффақият хатм намуд. Мураббии аввалини вай Кофтан Борис Тимофеевич буд ва ӯ як сол дар ҳузураш машқ кард. Баъдан яке аз мураббиёни ботаҷриба, хатмкардаи Мактаби олии тренерони СССР, Мураббии хизматнишондодаи ҷумҳурӣ Шамсиев Мирзо Каримович ба Анвар дарси маҳорату чолокӣ омӯхт ва барои ширкат намудан дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ омода кард. Зикр кардан бамаврид аст, ки М. К. Шамсиев айни ҳол бо қарори Федератсияи бокси Ҷумҳурии Тоҷикистон сармураббии тими мунтахаби олимпии кишвар таъин шудааст.



Баъд аз машқу тамринҳои пайваста дар толори Клуби варзишии шаҳри Душанбе, омодагии пеш аз мусобиқаҳои ҷаҳонии худро дар шаҳрҳои Москва, Алмаато, Санкт-Петербург ба анҷом расонид. Айни ҳол А. Юнусов корманди Хадамоти муҳофизаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва дастаи «Динамо»-и вазорати мазкурро муаррифӣ менамояд.

-Анвар Юнусов имрӯз яке аз боксчиёни беҳтарини кишвар ба шумор меравад ва ҳамзамон дар рейтинги умумиҷаҳонӣ дар ҷойи аввал меистад. Аз Тоҷикистон ба рейтинги номбурда Мавзуна Чориева ҳам шомил аст. Дар пешрафту комёбиҳои варзишгари ҷавону умедбахши тоҷик дар баробари Федератсияи бокси Тоҷикистон, инчунин Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи олимпии Тоҷикистон ва КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» низ ҳиссаи арзанда гузоштанд. Маҳз дар натиҷаи ҳамкории мо бо ташкилотҳои номбурда ва дастгирии бевосита Анвар Юнусов тавонист, ки Тоҷикистонро дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ муаррифӣ карда, ғолиби мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ гардад,- мегӯяд Президенти Федератсияи бокси Ҷумҳурии Тоҷикистон, Устоди хизматнишондодаи варзиши Тоҷикистон, Мураббии шоистаи варзиши Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Бобоҷон Маҳмадрасулов ва меафзояд:

-Аз ҷумлаи комёбиҳои бадастовардаи Анвар Юнусов метавон чандеро номбар кард. Вай соли 2006 дар шаҳри Алмаато, дар чемпионати ҷаҳон иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм ва соҳиби медали нуқра гардид. Соли 2008 дар шаҳри Улан-Батори Муғулистон зимни ширкат дар чемпионати Осиё сазовори ҷои сеюм шуд. Ҳамон сол дар Бозиҳои олимпии дар Пекин баргузоршуда дар қатори панҷ нафар муштзани номӣ ҷой гирифт. Соли 2011 дар Кореяи Ҷанубӣ дар чемпионати Осиё иштирок намуда, сазовори ҷойи якум гардид. Ҳамон сол дар чемпионати ҷаҳон, ки дар шаҳри Боку баргузор гардид, ҷойи сеюмро гирифта, ҳамзамон ба Бозиҳои тобистонаи олимпии Лондон-2012 роҳхат ба даст овард. Дар ин мусобиқаи бонуфуз ба Анвар Юнусов муваффақият ва пирӯзӣ таманно мекунем.

*Б. КАРИМЗОДА,*
*«Садои мардум»*

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1547/ 1-685 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 9 | 19.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1548/ 1-686 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 33 | 08.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1549/ 1-687 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ L-62<br>Бензини АИ-92 | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 04.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1550/ 1-688 | Боғи марказии ботаникии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 103 | 08.06.2012 соати $9^{30}$ |
| 1551/ 1-689 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Автомашинаи оташхомӯшкунии DLQ5160 TQX Dongfeng 153 EQ1141 KJ<br>Автомашинаи оташхомӯшкунии DLQ5160 TQX Dongfeng EQ1032 T51PJ3 | номгӯй<br>номгӯй | 3<br>1 | 19.06.2012 соати $10^{00}$ |
| 1552/ 1-690 | Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи сӯзишворӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 08.06.2012 соати $10^{00}$ |
| 1553/ 2-473 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони ноҳияи Ёвон | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 197 | 08.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1554/ 2-474 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 9 | 08.06.2012 соати $9^{30}$ |
| 1555/ 3-356 | Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Васл намудани таҷҳизот ва дастгоҳҳои назорати видеоӣ | тибқи нақша | | 19.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1556/ 3-357 | Маркази саломатии шаҳрии №10, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои асосӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 19.06.2012 соати $9^{30}$ |
| 1557/ 3-358 | Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони бинои Суди шаҳри Роғун | тибқи санади нуқсонӣ | | 19.06.2012 соати $10^{00}$ |
| 1558/ 3-359 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷорӣ ва пурраи роҳи автомобилгард | тибқи санади нуқсонӣ | | 19.06.2012 соати $10^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқаррааргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.




## Боз як нерӯгоҳ бунёд меёбад

**ДУШАНБЕ. (Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Тавре аз котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ гирифтем, дар водии Язғуломи ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сохтмони нерӯгоҳи барқи обии хурди маҷройӣ оғоз гардид. Иқтидори лоиҳавии ин нерӯгоҳ 300 кВт буда, баробари ба истифода дода шуданаш 309 адад хоҷагии деҳаҳои Мотравн, Шовут, дашти Шовут ва Будун, инчунин ду мактаб, як беморхона ва як боғчаи бачагона бо неруи барқ таъмин мегардад. Иншооти мазкур, тибқи нақша, то охири соли ҷорӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар маросими оғози корҳои сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қодири Қосим, сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Юон Ҷангу ва директори Агентии ҳамкориҳои байналмилалии давлати Кореяи Ҷанубӣ (KOICA) Ли Киюнг Санг иштирок намуданд.

## Омодагӣ ба Рӯзи Ваҳдат

**ШУҒНОН. (Шоҳтолиб ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Дар доираи омодагиҳо ба таҷлили сазовори Ҷашни 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ вохӯрии муовини озоди раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рудоба Мустаҷобова бо масъулини Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон баргузор гардид. Ҷамъомадро раиси ноҳияи Шуғнон Шодиҷон Ҷамшедов ифтитоҳ намуда, аз хусуси хизматҳои созандаву бунёдкоронаи меъмори асосии сулҳу ваҳдат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, инчунин доир ба рисолати азаливу абадии миллати тоҷик, ки ҳадафу мароми аслиашон сулҳҷӯйиву сулҳофарист, сухан ронд.

-Муовини аввали раиси вилоят Исмоил Орифшоев атрофи ҳифз намудану арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллат, арзишҳои фарҳангӣ ва гиромӣ доштани ваҳдату сулҳу суботи миллати тоҷикро, ки тавассути сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии мардуми тамаддунофари тоҷик ба даст овар-да шуд, андешаронӣ намуд.

## Зарари боришот

**ШАҲРИТУС. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар натиҷаи боришоти зиёд ва омадани сел дар деҳоти дурдасти «Пахтаобод» се манзили сокинони маҳал пурра ва як манзили дигар қисман хароб гардид. Ҳамчунин борони шадиди рӯзҳои охир дар деҳоти «Фируза»-и ноҳияи Носири Хусрав ба 12 манзилу иншооти ёрирасони сокинони маҳал хисороти иқтисодӣ овард. Офати табиӣ дар деҳаи «Нури Вахш»- и ноҳияи Ҷиликӯл низ 13 хонаро қисман вайрон намудааст. Хушбахтона, талафоти ҷонӣ ба назар нарасид. Дар маҳалҳои аз офати табиӣ зарардида комиссияҳо таъсис ёфтаанд, ки андозаи зарарро муайян менамоянд.

## Машварати судманд дар Остона

**ДУШАНБЕ. ( Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»)** Дар пойтахти Ҷумҳурии Қазоқистон - шаҳри Остона машварати вазирони молияи кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир гардид. Машварат дар чаҳорчӯбаи Ҳамоиши V иқтисодии Остона баргузор гардида, ба баррасии масоили таҳдидҳо ва дурнамои рушди иқтисоди ҷаҳон дар шароити тағйироти глобалӣ бахшида шуд. Дар кори ин машварат муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шавкат Соҳибов иштирок кард. Дар машварат вазъи иқтисодии кишварҳои узви ИДМ ва ҳамчунин дурнамои ҳамкориҳои минбаъда баҳри расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда низ баррасӣ гардид.

## Иқдоми хуби соҳибкор

**ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар ноҳия ба муносибати рӯзи Ваҳдати миллӣ бо иқдоми соҳибкори маҳаллӣ Илҳом Аҳмадов бинои нави дуошёнаи корхонаи дӯзандагӣ сохта ба истифода дода шуд. Дар натиҷа, 15 нафар бонувон соҳиби ҷойи кор ва маоши хуб гардиданд. Бояд зикр кард, ки соҳибкор дар омӯзишу азхудкунии касби чеварӣ низ ба духтарони маҳаллӣ кӯмак намудааст. Имрӯзҳо дар ҳудуди ноҳия бо кӯмаку дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ сохтмони мактабу синфхонаҳои иловагӣ низ идома дорад.

## Фестивали байналмилалии «Театрҳои майдонӣ»

**ДУШАНБЕ. ( Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»)** Аз 28 то 31 майи соли равон дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон Фестивали байналмилалии «Театрҳои майдонӣ» бо ҷалби беҳтарин намоишномаҳои манотиқи гуногуни ҷаҳон баргузор мегардад. Дар ин ҷашнвораи бошукӯҳи фарҳангӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳунармандони Театри давлатии ҷавонони ба номи Маҳмудҷон Воҳидов бо намоишномаи «Шабе дур аз Ватан»-и Бозор Собир ҳунарнамоӣ менамоянд. Басаҳнагузорандаи намоишнома коргардон Моҳпайкар Ёрова мебошад.

## Вохӯрӣ бо собиқадорон

**ФАРХОР. ( Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Фархор гузаронидани чорабиниҳои гуногуни аҳамияти тарбиявидошта ба ҳукми анъана даромадааст. Ба муносибати 20 – солагии Шӯрои собиқадорони милитсияи ноҳия дар маҷлисгоҳи ШКД – и ноҳия вохӯрии ҳайати шахсӣ бо собиқадорони милитсияи ноҳия баргузор гардид. Дар ҷамъомад аз фаъолияти Шӯрои собиқадорони милитсияи ноҳия дар даврони соҳибистиқлолӣ сухан рафт. Собиқадорону кормандони имрӯза аз таҷрибаи бойи кору зиндагӣ ва фаъолияти рӯзмарраи худ сухан гуфтанд.

## Имконияти нигоҳ доштани мева ба роҳ монда шуд

**АШТ. (Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»)** Бо дастгирии Ташкилоти байналмилалии ЮСАИД ва соҳибкор Пӯлод Ашӯров дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт дар масоҳати 240 метри мураббаъ яхдони замонавӣ, ки дар он имконияти нигоҳ доштани 200 тонна мева мавҷуд аст, мавриди истифода қарор гирифт. Ҳарорати яхдон +8$^{0}$ С. буда, метавонад то як моҳ меваро бо сифати аввалааш нигоҳ дорад. Дар наздикии он корхонаи наву замонавӣ сохта шудааст, ки дар он 50 нафар ба кори ҷобаҷокунӣ ва ба қуттиҳои махсус чидани мева машғуланд. Маблағи лоиҳавии сохтмон 120 ҳазор доллари амрикоӣ буда, 30 фоизи маблағро ташкилоти фавқуззикр пардохтааст.

## Ғалабаи паҳлавонони наврас

**ИСТАРАВШАН. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Бахшида ба 15- солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори варзишии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №51-и деҳаи Ободӣ мусобиқаи гӯштии тарзи юнону румӣ дар байни хонандагон гузаронида шуд. Дар мусобиқа 110 нафар наврасон ширкат варзиданд, ки аз онҳо 44 нафарашон ба бозиҳои нимниҳойӣ ва 22 нафарашон ба бозиҳои ниҳойӣ роҳхат гирифтанд. Мусобиқа аз рӯйи 11 вазн сурат гирифт. Дар бозиҳои ниҳойӣ Зокир Аслонов, Зафар Аслонов, Шамсиддини Назирзод, Руҳулло Бошукуров, Муҳаммадшоҳ Бошукуров, Сарвари Абдусалом, Аҳмад Порсоев, Раҳимҷони Ҳикматулло ва Шарифи Шавкат дар вазнҳои гуногун ғолиби мусобиқа шуданд.

*Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум».*
*Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Озмуни №11-ро оиди ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 18 июни соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | масоҳати 3 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | савдо | 458 | 1 сол |
| 2 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 141 | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 1110 | 1 сол |
| 3 | Корхонаи воҳиди «Лабораторияи марказӣ»-и Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. М.Турсунзода 23 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 17,4 м$^2$ | маъмурӣ | 1684 | 1 сол |
| 4 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 12-ум, масоҳаташ 22,6 м$^2$ | маъмурӣ | 1625 | 2 сол |
| 5 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 16 м$^2$ | маъмурӣ | 2685 | 1 сол |
| 6 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 7-ум, масоҳаташ 11,3 м$^2$ | маъмурӣ | 1761 | 1 сол |
| 7 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 8,5 м$^2$ | савдо | 1019 | 1 сол |
| 8 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 6-ум, масоҳаташ 10 м$^2$ | маъмурӣ | 2277 | 1 сол |
| 9 | Хобгоҳи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Таҷҳизот» | ш.Душанбе, к.Маяковский 74/1 | бинои хобгоҳ бо масоҳати умумии 4285,8 м$^2$ | манзили истиқоматӣ | 49468 | 1 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Варзоб | н.Варзоб | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 36 м$^2$ | савдо | 1781 | 1 сол |
| 11 | Хоҷагии таҷрибавии ба номи «Дзержинский»-и ноҳияи Ҳисор | н.Ҳисор | 2 утоқ бо масоҳати 196 м$^2$ аз ҳисоби бинои анборхона | истеҳсолӣ | 4565 | 1 сол |
| 12 | Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | масоҳаташ 98,75 м$^2$ аз ҳисоби бинои қисми тиббию санитарии корхона | хӯроки умумӣ | 1136 | 1 сол |
| 13 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 91,23 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди фурудгоҳ | ҷойгиркунии реклама | 12445 | 1 сол |
| 14 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 0,4 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои фурудгоҳ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | техникӣ | 588 | 1 сол |
| 15 | Маркази миллии патенту иттилоот | ш.Душанбе, к.Айнӣ 14 «а» | 2 утоқ бо масоҳати умумии 60,6 м$^2$ | хӯроки умумӣ | 2663 | 1 сол |
| 16 | Маркази миллии тиббӣ | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои №6 марказ | савдо | 5282 | 1 сол |
| 17 | Хоҷагии ниҳолпарварии ба номи М.Турсунзодаи ноҳияи Шаҳринав | н.Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон | масоҳати 36,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои чойхона | савдо | 855 | 1 сол |
| 18 | Шӯъбаи алоқаи почтаи Баҳористон | ш.Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти А.Абдулвосиев, деҳаи Кофарниҳон | 3 утоқи корӣ аз ҳисоби шӯъбаи алоқаи почтаи Баҳористон, масоҳаташ 85м$^2$ | савдо | 978 | 1 сол |
| 19 | КВ «Экспедитсияи гидрогеологии ҷанубӣ» | ш.Ваҳдат, деҳаи Кофиён | масоҳати 1000 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | истеҳсолӣ | 1865 | мавсимӣ ( 5 моҳ) |
| 20 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 63/3 | масоҳати 6 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ барои гузоштани дӯкони чархдор | савдо | 939 | 1 сол |
| 21 | Институти гастроэнтерологияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Маяковский 2 | масоҳати 140,3 м$^2$ аз ҳисоби бинои ошхона | хӯроки умумӣ | 3505 | 1 сол |
| 22 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ | ш.Душанбе, к.Ҷомӣ 1 | масоҳати 13,1 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 840 | 1 сол |
| 23 | Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 8 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 3-юм, масоҳаташ 14,85 м$^2$ | маъмурӣ | 2571 | 2 сол |
| 24 | ҶСК «Суғдиён» | ш.Кӯлоб, х.И.Сомонӣ 1/2 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 20,44 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бинои маъмурӣ | савдо | 1150 | 1 сол |
| 25 | ҶСК «Суғдиён» | ш.Кӯлоб, х.И.Сомонӣ 1/2 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бинои маъмурӣ | савдо | 1421 | 1 сол |
| 26 | ҶСК «Суғдиён» | ш.Кӯлоб, х.И.Сомонӣ 1/2 | масоҳати 42,6 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 1-ум ва масоҳати 108,16 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бинои анбори маҳсулоти тайёри корхона | истеҳсолӣ | 4677 | 1 сол |
| 27 | ҶСК «Суғдиён» | ш.Кӯлоб, х.И.Сомонӣ 1/2 | 4 утоқи корӣ бо масоҳати 97,75 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бинои маъмурӣ | савдо | 3472 | 1 сол |
| 28 | ҶСК «Суғдиён» | ш.Кӯлоб, х.И.Сомонӣ 1/2 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 12 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 959 | 1 сол |
| 29 | ҶСК «Шаҳрофар» | ш.Душанбе, к.Ҳусейнзода 34 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 3-юм, масоҳаташ 17 м$^2$ | хизматрасонии тиббӣ | 2878 | 1 сол |
| 30 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 31 | масоҳати 25,5 м$^2$ аз ҳисоби даромадгоҳи бинои гинекологӣ | савдо | 1640 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.** Тел: **221-73-74, 221-33-66.** Озмун **соати 10$^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.















## «ТОҶИК ЭЙР» СОМОНАИ НАВИ ХУДРО БА КОР АНДОХТ

**Web-сайти нав ба истифодабарандагони шабакаи интернет бо нишонии *www.tajikairlines.com* дастрас мебошад.**

Бартарии сомонаи нави ҶСК «Тоҷик Эйр» аз сайти қаблӣ имкони бандкунӣ ва хариди мустақими чиптаи ҳавопаймоӣ мебошад. Акнун муштариёни ширкат метавонанд то 72 соат пеш аз иҷрои хатсайр тавассути интернет ба хайтсайрҳои «Тоҷик Эйр» чиптаи ҳавопаймоиро банд ва ё харидорӣ намоянд.

Пардохти чиптаҳои ҳавопаймоӣ дар web-сайти ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» тавассути кортҳои бонкии низомҳои байналмилалии пардохт: **VISA, MASTERCARD, JCB International** сурат мегирад.

Харидории чипта тавассути сайти мазкур хеле осон буда, амнияти маълумоти шахсӣ, пардохту ҳисобиҳо кафолат дода мешавад.

Истифодабарии сайт хеле қулай буда, он ҳоло ба забони русӣ амал менамояд. Ояндаи наздик саҳифаҳои тоҷикиву англисии сомона низ роҳандозӣ мешавад.

Сомона амалисозии марҳилаи муҳими барномаи навсозии симои ширкатро фароҳам оварда, мувофиқи сабки нави «Тоҷик Эйр» тарҳрезӣ шудааст.

Мизоҷони ширкат дар саҳифаи аввали сайт метавонанд тамоми маълумоти зарурӣ, аз ҷумла нишонӣ ва телефонҳои бинои маъмурии ширкат, намояндагиҳо ва хазинаҳои чиптафурӯширо пайдо карда, бо нақшаи парвозҳои ширкати ҳавопаймоӣ, қоидаҳои бандкунӣ, нархномаҳои махсус, хатсайрҳои нав, хабарҳои ширкат, вазъи обу ҳаво ва қурби асъор ошно шаванд. Мизоҷон дар қисмати «Пурсишҳои маъмулӣ» ба саволҳои худ посух гирифта, метавонанд дар қисмати «Тамос» дархостҳои худро нависанд.


## ЭЪЛОН

***Бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (минбаъд-пудратчиён) барои ширкат дар озмуни кушода бо тариқи иштироки номаҳдуд ва бо ҳуқуқи бастани шартнома дар бораи хариди гази моеъ, маводи конселярӣ, хоҷагидорӣ ва намояндагӣ, мебел, таҷҳизот ва техника, қисмҳои эҳтиётӣ, чопкунӣ, хизмати нашрӣ ва ғайра ба суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 11 даъват карда мешаванд.***

Ҳар пудратчӣ метавонад иштирокчии озмун буда, дар доираи талаботи зерини тахассусӣ ғолиби озмун гардад:

-фаъолияти соҳибкориро оид ба сохтмон на камтар аз ду сол дошта бошад;

-дорои заминаи моддию техникии ба талабот ҷавобгӯй бошад;

-барои амалӣ намудани фаъолияти зарурӣ қобилиятнок бошад, яъне муфлис набошад;

-ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳои расмии озмуни мазкур аз ҷониби ташкилкунандаи озмун ба қайд гирифта шуда бошад;

-барои иштирок дар озмун дархост дода бошад.

Шакли муфассали талабот нисбат ба иштирокчиён, ҳамчунон нисбат ба тартиби тасдиқи мувофиқат ба ин талабот дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ дарҷ шудааст.

Тавсифи муфассали корҳои таъмирӣ ва шартҳои шартнома, ҳамчунин расмиёти озмун дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ зикр ёфтааст, ки он ба ҳар кадом пудратчӣ бо дархости хаттии вай дар шӯъбаи дурнамои Раёсати иқтисод ва дурнамои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби зерин пешниҳод мешавад:

-баъд аз пардохти маблағи арзиши ҳуҷҷатҳои озмунӣ ба хазинаи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (арзиши ҳуҷҷат- 160 сомонӣ);

-ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳои расмии озмуни мазкур аз ҷониби ташкилкунандаи озмун ба қайд гирифта шудааст.

Барои иштирок дар озмун сари вақт пешниҳод кардани дархости озмунӣ зарур аст. Дархостҳое, ки мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои озмунӣ тартиб дода шудаанд, бояд ба суроғаи ташкилкунандаи озмун на дертар аз соати 14$^{00}$ **, 31 майи соли 2012 пешниҳод карда шаванд.**

Санад ва вақти кушодани дархост: 31 майи соли 2012 дар маҷлисгоҳи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соати 14$^{00}$ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 22.

## ЭЪЛОН

### Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» барои ишғоли вазифаи холии сармуҳосиб дар филиалҳои зерини шаҳрию ноҳиявӣ ОЗМУН эълон менамояд

- №10 дар ноҳияи Ҳисор;
- №18 дар ноҳияи Шаҳринав;
- №21дар ноҳияи Тавилдара;
- №25 дар ноҳияи Айнӣ;
- №30 дар шаҳри Конибодом;
- №43 дар шаҳри Қӯрғонтеппа;
- №49 дар ноҳияи Шаҳритус;
- №52 дар ноҳияи Қубодиён;
- №53 дар ноҳияи Ҷиликӯл;
- №54 дар ноҳияи Бохтар.

**Талаботи тахассусӣ ба довталабон:**

- маълумоти олии иқтисодӣ;
- собиқаи на кам аз се сол дар соҳаи бонкдорӣ;
- дониш ва таҷрибаи мукаммали иқтисодӣ ва молиявӣ;
- донистани забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, аз қабили англисӣ ва хитойӣ афзалият дорад);
- дониши мукаммали истифодаи компютер.

***Довталабон ба комиссияи ОЗМУН ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:***

- ариза ба номи раиси Раёсати БДАТ «Амонатбонк» барои гирифтани иҷозати иштирок дар озмун;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- 2 дона сурати 3х4;
- маълумотнома (CV);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- нусхаи шиноснома;
- маълумоти тиббӣ (шакли №086-у).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро то 5 июни соли 2012 бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 24 пешниҳод намоянд.

Телефонҳо барои тамос: **600-90-19, 600-90-67** ё сомонаи электронӣ: ***kadr@amonatbonk.tj***

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 21 июни соли 2012 музоядаи №12-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Дегхонаи №1-уми Корхонаи фаръии Хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Спитамен | ноҳияи Спитамен | 30000 |
| 2 | Қитъаи фурӯши гази моеъи ноҳияи Шаҳритус марбут ба Корхонаи фаръии «Қӯрғонтеппагаз»-и КВД «Нафту газ ва ангишт» | ноҳияи Шаҳритус | 100000 |
| 3 | Воситаҳои асосии Корхонаи воҳиди «Тоҷикзоответсервис» | ноҳияи Рӯдакӣ | 6000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44.**

Телефонҳо: **221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10$^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисобӣ Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## 21 июня 2012 года проводит аукцион №12 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Котельная №1 Дочерного предприятия Жилищно-коммунального хозяйства района Спитамен | район Спитамен | 30000 |
| 2 | Пункт продажи сжиженного газа Шахритусского района Дочерного предприятия «Қӯрғонтеппагаз» ГУП «Нафту газ ва ангишт» | Шахритусский район | 100000 |
| 3 | Основные средства Унитарного предприятия «Тоҷикзоответсервис» | район Рудаки | 6000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: **английский.** Время проведения **10$^{00}$ часов.**

Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел:221-16-14, 221-49-87, 221-73-74**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Раҳмонов Фаровоншо Махмадиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0165074 бо РЯМ 0430076323 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 3 марти соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Дипломи гумшудаи ИВ №974790, ки онро Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) соли 1982 ба Нуров Қурбоншо Ерович додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи тӯҳфашудаи гумшуда таҳти феҳрасти 8Д-2145, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба расмият даровварда, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, ҳавлии рақами 188/2-и ноҳияи Сино 31 майи соли 2005 ба Холиқова Иҷронбибӣ додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №10/11, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2011 ба Бобозода Абдурашиди Бурҳон додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатномаи хатми курси ронандагии гумшуда, ки онро МАТҶММ-и шаҳри Душанбе 30 декабри соли 2011 ба Эшбеков Нуриддин Муродуллоевич додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи № 1124/01, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2011 ба Камолиён Сунатуллои Дилшодпур додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №128/11, ки онро ДТТ ба номи М.Осимӣ соли 2011 ба Шаҳбози Расул додааст, эътибор надорад.
- Номаи камоли гумшудаи №018101, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №58 (собиқ 46)-и ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ ноҳияи Ленин) соли хониши 1991-1992 ба Аминова Гулбаҳор Абдусамадовна додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи сохтмонии қитъаи 13, ҳуҷраи 8-и гумшуда таҳти феҳрасти 9Д-1074, ки онро Идораи нотариалии давлатии 1-уми шаҳри Душанбе 6 ноябри соли 1989 ба расмият даровварда, бо суроғаи шаҳри Душанбе, Теппаҳои шарқии ноҳияи Шоҳмансур ба Худойдодов Саймидин Ҳуснидинович додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии гумшудаи №ДО 8596, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур соли 2008 ба Ибодзода Сунатулло додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷуйии гумшудаи № ДО 8567, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур соли 2008 ба Аҳлидини Анвари Ҳалимзода додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №0314/91, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ соли 1991 ба Қурбонов Зайниддин Ширинович додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии гумшудаи №248/11, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ соли 2011 ба Абдулҳаев Амирбек Муродиллоевич додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 28 майи соли 2012, соати 19.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26646 нусха

Навбатдори шумора Нуралиев М.

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова